# Эзро



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




Эзро 1:1-4, Ишаъё 44:28






Дониёл 1:1-2, Эзро 1:7-11


ПОДШОҲ ШЕШБАСАРРО РОҲБАРИ БОЗГАШТАНИ ЯҲУДИЁН ТАЪЙИН НАМУД.
АММО ЯҲУДИЁН ЗАРУБОБИЛРО РОҲБАРИ ХУД МЕҲИСОБИДАНД.
АГАРЧИ Ӯ ПОДШОҲ НАБУД, Ӯ АЗ АВЛОДИ ПОДШОҲ ДОВУД БУД.
АРОБАҲОРО МАҲКАМ БАНДЕД, САФАРИ МО ҚАРИБ ЧОР МОҲ ДАВОМ МЕКУНАД.
ХУДО ГУФТА БУД, КИ БАРОИ БЕИТОАТӢ БА ШАРИАТИ ХУДО ХАЛҚИ ЯҲУДӢ 70 СОЛ БА БОБИЛ ХИЗМАТ МЕКУНАД.
ҲАМИН ТАРИҚ, БО ФАРМОНИ ПОДШОҲ ДАР БОРАИ БАРҚАРОР КАРДАНИ МАЪБАДИ ХУДО, ҚАРИБ 30,000 ЯҲУДИЁН БОБИЛРО ТАРК КАРДАНӢ ШУДАНД...
ИН АВВАЛИН БОЗГАШТАНИ ЯҲУДИЁН АЗ СЕ ДАФЪАИ БОЗГАШТИ ОНҲО БА УРШАЛИМ БУД.


ХУДОИ ТАВОНО БА ҚАВЛИ ХУД ВАФО КАРД.
ЧУНОН КИ ПАЙҒАМБАРОН ПЕШГӮЙ КАРДА БУДАНД, АҶДОДОНИ МО АЗ БОИСИ БЕИТОАТӢ БА ХУДО 70 СОЛ ДАР БОБИЛ АСИР БУДАНД …
АММО АКНУН… МО БА Ӯ ИТОАТКОР МЕШАВЕМ.
ПЕШ АЗ ҲАМА МО ЧӢ МЕКУНЕМ?
МО ХОНАҲОЯМОН ВА ДЕҲАҲОЯМОНРО АЗ НАВ МЕСОЗЕМ ВА БАЪД ҲАМААМОН ДАР ҲАМИН ҶО ДАР УРШАЛИМ ВОМЕХӮРЕМ.
МО ҚУРБОНИҲО МЕОВАРЕМ ВА ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ – ЧУНОН КИ ПАРВАРДИГОР БА МО ФАРМУДААСТ.
МАРДУМ ХОНАҲОЯШОНРО БАРҚАРОР МЕКУНАНД ВА ХУБ КАРДАНИ ХУСНИ АСОСИИ ОНХОРО САР МЕКУНАНД.


ВА ҲАР КАС АЗ РӮИ ИМКОНИЯТИ ХУД ТӮҲФАҲО МЕОВАРД.
МО МЕХОҲЕМ, КИ ФАРЗАНДОНАМОН ДАР ИН ҶО ПАРАСТИШ КАРДА ТАВОНАНД ВА ЧӢ БУДАНИ ТАРСИ ПАРВАРДИГОРРО ДОНАНД.
ОДАМОН БАРОИ СОХТМОНИ МАЪБАД ҚАРИБ 500 КГ ТИЛЛО …
…ВА 3 ТОННА НУҚРА ОВАРДАНД.
ОНҲО ХАЙРОТРО НАЗДИ ЗАРУБОБИЛ ВА ПИРОН ОВАРДАНД.
АКНУН КОРРО САР КАРДАН МУМКИН АСТ.


ОНҲО ОМАДАНД, ТО КИ ИДИ КАРНАЙҲО, КАФОРАТ ВА ХАЙМАҲОРО, ЧУНОН КИ ДАР КИТОБИ ИБОДАТ ТАСВИР ЁФТААСТ, ҶАШН ГИРАД.
ҶАМЪОМАДЕ КИ ДАР ДАВОМИ 70 СОЛ БА ҶО ОВАРДА НАМЕШУД.
ОДАМОН БА ДУ КАС БОВАРӢ МЕНАМУДАНД.
ЕШУА ҲАМЧУН САРВАРИ РӮҲОНИИ МАРДУМ ЭЪТИРОФ ШУДА БУД. ЗАРУБОБИЛ БОШАД ҲАМЧУН РОҲБАРИ ШАҲРВАНДИИ МАРДУМ ЭЪТИРОФ ШУДА БУД.
ВАҚТИ ОН РАСИД, КИ ...
...ҚУРБОНГОҲИ ПАРВАРДИГОР БАРҚАРОР КАРДА ШАВАД.
ИН САНГҲОРО ҲАРАКАТ КУНЕД, ТО БА ҚУРБОНГОҲИ ХУДО РОҲ ЁБЕД. ОН БОЯД АЗ ЧӮБ СОХТА ШАВАД, КИ БО БИРИНҶ ПӮШОНИДА ШУДААСТ.


ҲАНГОМЕ КИ ЯҲУДИЁН ДАР БОБИЛ БУДАНД, ПОДШОҲОНИ АШШУР ВА БОБИЛ ОДАМОНРО АЗ ДИГАР КИШВАРҲО ОВАРДА БУДАНД, ТО КИ ДАР ЗАМИНИ ОНҲО СОКИН КУНАНД. ИН ОДАМОН АНЪАНАҲОИ ХУД… ВА ХУДОЁНИ ХУДРО ДОШТАНД.
ОНҲО РОҲҲОИ ХУД… ВА ХУДОИ ХУДРО ДОРАНД.
ОНҲО КӮШИШҲОИ ЯҲУДИЁНРО БАРБОД ДОДАНӢ БУДАНД.
ИН ЯҲУДИЁН БА ТАРЗИ ЗИНДАГИИ МО ТАЪСИР МЕРАСОНАНД.
ОНҲО ГИРИФТОРИ ЛАЪНАТ МЕБОШАНД – АЗ ҲАМИН САБАБ ХУДОЯШОН ОНҲОРО АЗ ИН ЗАМИН РОНД.
ҚУРБОНИОВАРИҲОИ МО БИСЁРИИ СОКИНОНИ МАҲАЛРО ХАШМГИН КАРДА МЕТАВОНАНД – ВА ОНҲО МИҚДОРАН АЗ МО БЕШТАР МЕБОШАНД.
МО ОН ЧИРО МЕКУНЕМ, КИ ПАРВАРДИГОР ФАРМУДААСТ – Ӯ ДАР ҲАҚҚИ МО ҒАМХОРӢ МЕКУНАД.
БО ВУҶУДИ ТАРС АЗ МАРДУМИ АТРОФ,ИСРОИЛИЁН ОН ЧИРО, КИ ПАРВАРДИГОР БА ОНҲО ФАРМУДА БУД, БА ҶО ОВАРДАНД – ВА БА ПАРВАРДИГОР ҚУРБОНИҲОИ СӮХТАНӢ ОВАРДАН ГИРИФТАНД.

Эзро 3:3-6


ЯҲУДИЁНЕРО, КИ БО АҶНАБИЁН ОИЛАҲОИ ОМЕХТА БУНЁД КАРДА БУДАНД, ФАРЗАНДОНЕ ДОШТАНД, КИ СОМАРИЁН НОМИДА МЕШУДАНД.
ОНҲО ХУРОФОТПАРАСТ БУДА, ХУДОИ ЯҲУДИЁН ВА ХУДОЁНИ АҶДОДОНИ ХУДРО МЕПАРАСТИДАНД.
МО БА СОХТМОНИ ПАРАСТИШГОҲ ЁРӢ ДОДАН МЕХОҲЕМ.
ШУМО, СОМАРИЁН, ДАР ИН КОР ИШТИРОК КАРДАН НАМЕТАВОНЕД.
МО ХУДАМОН БАРОИ ХУДОИ ИСРОИЛ ПАРАСТИШГОҲ МЕСОЗЕМ – ЧУНОН КИ ПОДШОҲ КУРУШ БА МО ФАРМУДААСТ.
СОМАРИЁН ЭЪТИРОЗ НАМУДА, БА ПОДШОҲИ ФОРС НОМА ФИРИСТОДАНД.
“ЯҲУДИЁНЕ КИ АЗ ҶОНИБИ ТУ НАЗДИ МО ОМАДААНД, ИН ШАҲРИ ИСЁНКОРОН ВА БАДКОРОНРО МЕСОЗАНД”.
“АГАР ОНҲО СОХТМОНРО ДАВОМ ДИҲАНД, БА ТУ АНДОЗ СУПОРИДАНРО БАС МЕКУНАНД.”
“БА СОЛНОМА НИГАР, ВА ТАЪРИХИ ШӮРИШУ БАЛВОҲОИ ОНҲОРО МЕБИНӢ”.
ЁДДОШТИ ТАЪРИХӢ - ШОҲИ ФОРС АЛЛАКАЙ БАРОДАРИ ХУДРО ПИНҲОНӢ КУШТА БУД, ТО ИМПЕРИЯИ ХУДРО УСТУВОР НИГОҲ ДОРАД.
МАН ШӮРИШУ БАЛВОРО ТАҲАММУЛ НАМЕКУНАМ.
ИН НОМАРО ФИРИСТЕД. КОРИ ЯҲУДИЁН БОЯД БОЗДОШТА ШАВАД – **ФАВРАН**.
ВА ЧУНОН КИ ФАРМУДА ШУД … СОХТМОНИ ПАРАСТИШГОҲ БА МУДДАТИ ШОНЗДАҲ СОЛ БОЗДОШТА ШУД.




Эзро 5, Ҳаггай 1:4,2:4; Закарё 1:2, 4:6


ИНАК ҲАМОН ФАРМОН. БАР ОН МӮҲРИ ПОДШОҲ КУРУШ ГУЗОШТА ШУДААСТ.
ҲАҚ БА ҶОНИБИ ЯҲУДИЁН АСТ. ИНАК ФАРМОНИ АСЛӢ АЗ ҶОНИБИ ПОДШОҲИ БУЗУРГ КУРУШ.
МАН, ДОРЁВЕШ, БА ВОЛИ ОН СӮИ ДАРЁИ ФУРОТ ЭЪЛОН МЕКУНАМ
БИГУЗОР СОХТМОНИ ПАРАСТИШГОҲ ДАВОМ ДОДА ШАВАД.
БА КОРГАРОН АЗ ХАЗИНАИ ПОДШОҲ МУЗД ДИҲЕД.
ОНҲОРО БЕ ҲЕҶ ТАЪХИР БО ҲАМА ЧИЗИ ДАРКОРӢ ТАЪМИН НАМОЕД …
… ТО КИ ОНҲО ҲАДИЯҲОИ ХУШБӮЙ БАРОИ ХУДОИ ОСМОН ҚУРБОНӢ НАМОЯНД ВА БАРОИ ҲАЁТИ ПОДШОҲ ВА ПИСАРОНАШ ДУО ГӮЯНД.


БО ИН ДАСТГИРӢ ВА БО ИЛҲОМ АЗ МАВЪИЗАҲОИ ПАЙҒАМБАРОН ҲАҶҶАЙ ВА ЗАКАРЁ – ЯҲУДИЁН СОХТМОНИ МАЪБАДРО БА ОХИР РАСОНДА ТАВОНИСТАНД.

Эзро 6:10-15


ДАР СОЛИ 457 ТО МИЛОД, БАЪДИ КАМЕ БЕШТАР АЗ 50 СОЛ, ПОДШОҲИ ДИГАРИ ФОРС – АРТАҲШАСТО БА ТАХТ НИШАСТ. ЗАНИ Ӯ МАЛИКА ЭСТЕР БУД ВА ИН, АЛБАТТА, БОИСИ МУНОСИБАТИ ХУБИ Ӯ БА ЯҲУДИЁН ГАРДИД.
Ӯ ЭЗРОИ КОҲИНИ ЛЕВИЗОДАРО ФИРИСТОД, ТО КИ БОЗГАШТАНИ ГУРӮҲИ ДУЮМИ ИБОРАТ АЗ 5,000 ЯҲУДИЁНРО БА УРШАЛИМ ТАШКИЛ КУНАД.
ИН НОМАРО – ВА МИҚДОРИ КОФИИ ПУЛРО, КИ БАРОИ МАЪБАД ВА ҚУРБОНИОВАРИҲО ДАРКОР МЕШАВАД, БА ЭЗРО ДИҲЕД.
ТУ АЗ ҶОНИБИ ПОДШОҲ ВА ҲАФТ МУШОВИРИ Ӯ ФИРИСТОДА ШУДАЙ, ТО РИОЯИ ШАРИАТИ ХУДОЯТРО ДАР САРЗАМИН ТАФТИШ НАМОЙ. НУҚРА ВА ТИЛЛОРО ГИРЕД, КИ ПОДШОҲ ВА МУШОВИРОНАШ БАРОИ ХУДОИ ИСРОИЛ, КИ ДАР УРШАЛИМ СОКИН АСТ, МЕДИҲАНД.
РОҲБАРОН ВА ДОВАРОН ТАЪЙИН НАМО, ТО БАР ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ ШАРИАТИ ХУДОИ ТУРО МЕДОНАНД, ДОВАРӢ КУНАНД



Эзро 7:1-26


ЭЗРО ВА ЯҲУДИЁН БЕРУН АЗ ДЕВОРҲОИ БОБИЛ, НАЗДИ ДАРЁИ АҲАВО ВОХӮРДАНД.
ДАР ГУРӮҲИ МО ЛЕВИЗОДАГОН НЕСТАНД. КОҲИНОН НИЗ БОЯД ҲАМРОҲИ МО РАВАНД.
ВА ЛЕВИЗОДАГОН БАРОИ ХИЗМАТГУЗОРӢ ДАР ХОНАИ ПАРВАРДИГОР.
ПАС АЗ ЯКЧАНД РӮЗ.
АКНУН, КИ ЛЕВИЗОДАГОН БО МО ҲАСТАНД, АЗ ПОДШОҲ ХОҲИШ КУН, КИ БА МО САРБОЗОН ДИҲАД, ТО МОРО ҲАМРОҲӢ КУНАНД.
ДАР РОҲ БА СӮИ УРШАЛИМ ҒОРАТГАРОН ВА РОҲЗАНОН БИСЁР ВОМЕХӮРАНД.
НЕ – МАН РӮЗАДОРИРО ЭЪЛОН МЕНАМОЯМ.
ХУДИ ХУДО МОРО НИГАҲБОНӢ ХОҲАД КАРД.
МО СЕ РӮЗ РӮЗА ГИРИФТА, БА ХУДОИ ОСМОН ДУО МЕКУНЕМ.

Эзро 8:15-21


МО КОРҲОИ БИСЁР ДОРЕМ.
АММО ДАР АВВАЛ... МО ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ.
ХАБАРҲОИ НА ОН ҚАДАР ХУШ . . .
ХАЛҚИ ИСРОИЛ, БО ЗИМНИ КОҲИНОН ВА ЛЕВИЗОДАГОН, АЗ ХАЛҚҲОИ БЕГОНА ДУР ЗИНДАГӢ НАМЕКАРДАНД.
ОНҲО АЗ ХАЛҚҲОИ БЕГОНА БА ХУД ЗАНҲО ГИРИФТААНД.


ХУДОЁ, ИСЁНКОРИҲОИ МО ТО БА ОСМОН РАСИДААНД.
МО АЗ ФАРМУДАҲОИ ТУ ДАСТ КАШИДА, БО ОНҲОЕ КИ ДАР ПЕШИ ТУ КОРҲОИ ЗИШТ МЕКАРДАНД, ОИЛАҲО БУНЁД КАРДАЕМ.
ҲЕҶ КАДОМИ МО БА ҲУЗУРИ ТУ ИСТОДА НАМЕТАВОНАД.
МО БА ТУ БЕВАФОӢ КАРДА. ЗАНҲОИ АҶНАБӢ ГИРИФТАЕМ.
БИЁЕД БО ХУДО АХД МЕБАНДЕМ ВА ЗАНҲОВУ ФАРЗАНДОНИ ОНҲОРО САР МЕДИҲЕМ, ЧУНОН КИ ШАРИАТ МЕФАРМОЯД.
ТАВЗЕҲ: ИН БЕРАҲМОНА МЕТОБАД, АММО ИН ЧОРА БЕҲТАР АЗ ОН БУД, КИ ШАВҲАРОН, ЗАНОН ВА ФАРЗАНДОН САНГСОР КАРДА ШАВАНД, ЧУНОН КИ ДАР ЗАМОНИ ХУРУҶ БУД.
СОКИНОНИ ЯҲУДО БА ЗАМИНИ БИНЁМИН БОЯД ПАС АЗ СЕ РӮЗ ДАР ҲАМИН ҶОЙ ҶАМЪ ШАВАНД – ҲАМА БЕ ИСТИСНО.
ВА… АГАР ОНҲО НАБИЁЯНД – АЗ ЗАМИНҲОИ ХУД МАҲРУМ МЕШАВАНД.



ШУМО БЕВАФО БУДЕД.
ШУМО ЗАНОНИ БЕГОНА ГИРИФТА, АЙБУ ГУНОҲИ ИСРОИЛРО ЗИЁД КАРДАЕД.
АЛҲОЛ ДАР НАЗДИ ПАРВАРДИГОР ТАВБА КУНЕД… ВА ХОСТИ ӮРО БА ҶО ОВАРЕД.
ҲАҚ БА ҶОНИБИ ТУСТ!
АММО ДАР ИН ҶО БИСЁРАНД-
БИГУЗОР КАСОНЕ КИ ЗАНОНИ БЕГОНА ГИРИФТААНД, ДАР ВАҚТҲОИ МУАЙЯН БИЁЯНД, ВА БО ОНҲО ПИРОНИ ҲАР ШАҲР ВА ДОВАРОНАШ БИЁЯНД, ТО ОТАШИ ҒАЗАБИ ХУДОИ МО БАРОИ ИН КОР АЗ МО ДУР ШАВАД.
ДАР ДАВОМИ СЕ МОҲИ ОЯНДА МАСЪАЛАҲОИ ТАЛОҚ МУҲОКИМА КАРДА МЕШУДАНД ВА БАРОИ ЗАНОНИ ТАЛОҚШАВАНДА ВА ФАРЗАНДОНИ ОНҲО ХӮРОКВОРӢ ЗАХИРА КАРДА МЕШУД.
МАРДУМ БА ФАРМУДАИ ХУДО ИТОАТ НАМУДАНД ВА ДИГАР АЗ БАЙНИ ХАЛҚИ БЕГОНА ЗАН НАГИРИФТАНД.
ПАРВАРДИГОР ИТОАТКОРИИ ОНҲОРО – ВА ИН ШАҲРРО БАРАКАТ ДОД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**